«Тасдиқ мекунам»
муовини вазири энергетика ва
захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
Худобахш Шарифа Орусбек

«23» «декабри» соли 2021

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Гурӯҳи кории якуми Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ

ш. Душанбе аз 14 декабри соли 2021

Иштирок доштанд:
Аъзои Гурӯҳи корӣ тибқи рӯйхат (замима мегардад).

Рӯзномаи Ҷаласа:

1. Муаррифии Шӯрои миллии рушд ҳамчун платформа барои таҳияи сиёсати умумии рушди устувор;
2. Муаррифии вазифаҳои гурӯҳи кории байниидоравии 1 оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Баррасии масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз ҷумла дастовардҳо, мушкилиҳо дар доираи фаъолияти Кумита аз рӯи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон солҳои 2016-2020 ва дигар барномаҳои соҳавӣ дар ҳошияи ҲРУ;
4. Баррасии масъалаи низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

Ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқро муовини вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифа Орусбек оғоз намуда, роҷеъ ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасишаванда, аз ҷумла, зарурияти таъсиси Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши

нерӯи барқ ибрози назар намуданд. Дар баробари ин, оид ба дарёфти роҳу усулҳои ҳаллу фасли мушкилот дар самти истифодаи самарабахши нерӯи барқ бахусус роҷеъ ба роҳандозӣ намудани механизми мукаммали ҳамкориҳо миёни ниҳодҳои давлатӣ ва агентиҳои мухталифи СММ, инчунин дигар шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ташаббусҳо вобаста ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ аз рӯи Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳошияи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар андешаронӣ карда шуд.

Сипас, тибқи рузномаи ҷаласа ҷиҳати возеҳтар шинос гардидан ба мавзуъҳои «Шӯрои миллии рушд ҳамчун платформа дар таҳияи сиёсати умумии рушди устувор» аз ҷониби Сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Мадҷон Манучеҳра, вазифа ва функсияҳои Гуруҳи кории байниидоравии 1 «Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти ҶТ» аз ҷониби мушовири иқтисодӣ оид ба мониторинг ва арзёбии Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Достиев Абдуқодир, масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз ҷумла дастовардҳо, мушкилиҳо дар доираи фаъолияти вазорат аз рӯи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва дигар барномаҳои соҳавӣ бо назардошти Ҳадафҳои рушди устувор аз ҷониби Беҳрӯз Ҳасанов ва низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, инчунин фарқияти асосии он аз низоми мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва ҳамгироии ҲРУ дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ аз ҷониби коршинос БРСММ, Одинаев Одина муаррифномаҳо пешниҳод гардиданд.

Дар идома, иштирокчиёни ҷаласа вобаста ба масъалаи дар муаррифинома пешниҳодгардида ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби намояндагони Вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, ШСХК “Барқи Тоҷик” ва коршиноси БРСММ муҳокимаи масъалаҳо сурат гирифта, вобаста ба масъалаҳои мазкур таклифу пешниҳодҳои худро манзур намуданд.

Баъд аз баррасии ҳаматарафаи масъалаи рӯзнома, ҷиҳати фаъол гардидани Гурӯҳи кории 1 «Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ»-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дастурамали фаъолияти Гурӯҳи корӣ оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз ҷумла бо назардошти вазифаҳои ҳар як аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ ва роҳбари Гурӯҳи корӣ таҳия намуда, ба аъзои он барои мувофиқа пешниҳод намояд.

- Руйхати аъзои Гуруҳи корӣ таҳия ва тасдиқ карда шавад.

2. Маркази машваратии Барномаи рушди СММ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо:

- барои таҳкими нерӯи вазорату идораҳо оид ба масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ чорабиниҳои омӯзишӣ ташкил ва баргузор намояд.

Котиби ҷаласа А. Достиев

02.02.22.